***ТДУ 930.2***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-16-20***

***УНСУРҲОИ БУТПАРАСТӢ ДАР МАЗҲАБИ МОНАВИЯ***

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д.и.т., профессор, мудири кафедраи таърихи умумӣ;* ***Бобоҷонова Мафтунахон Комилҷоновна,*** *магистранти курси 2-юми факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ЭЛЕМЕНТЫ ИДОЛОПОКЛОНСТВА В МАНИХЕИЗМЕ***

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д.и.н., профессор, заведующий кафедрой всеобщей истории;* ***Боборжонова Мафтунахон Комилджоновна,*** *магистрант 2-го курса факультета истории и права ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

***ELEMENTS OF IDOLATRY IN MANICHEISM***

***Ayubov Abdusalom Raufovich,*** *Dr. of History, Professor, Head of the Department of World History, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov",* ***E-mail:*** *abdusalom-1@mail.ru;* ***Bobojonova Maftunakhon Komiljonovna,*** *2nd year master's student of the Faculty of History, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *mk_8.11@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *монавия, зардуштия, ислом, буддоия, насронӣ, бутҳо, бутпарастӣ.*

*Мақола ба мавҷудияти унсурҳои бутпарастӣ дар мазҳаби монавиён бахшида шудааст. Монавия динест, ки дар асри III мелодӣ дар давраи салтанати хонадони сосонӣ, дар заминаи ислоҳи зардуштия ба майдон омад. Асосгузори ин дин Монӣ буд. Мазҳаби монавия аз Бобул то Самарқанд, аз Африқо то Туркистони Чин ва аз Ҳинду Тибет то Авруро паҳн гардида буд ва таъсири зиёде ба динҳои насронӣ ва ислом гузоштааст. Он дар баробари меҳрпарастӣ аз динҳои ҷаҳонии гузашта мебошад. Унсурҳои бутпарастӣ ба монавия аз динҳои зардуштия, насронӣ, буддоия гузаштаанд. Рӯзона монавиён ба офтоб ва шабона ба моҳ саҷда мекарданд. Саҷда ба офтоб аз оини меҳрпарастӣ (митраизм) омадааст. Ибодати онҳо дар шакли бути дудаста буд, ки аломати фариштаи ҷондори осмониро ифода мекард. Тавре аз манбаъҳои хаттӣ бармеояд, суғдиён дар ибтидо бутпараст буданд. Эҳтимол меравад, ки як қисми унсурҳои бутпарастӣ ба пайравони монавия аз суғдиён гузаштааст. Аз дини насронӣ ба монавия салиб гузаштааст, ки онро дар бисёр ҷойҳо дидан мумкин буд. Салибҳо дар тангаҳо дучор мешаванд. Аз таълимоти насронӣ ҳамчунин кашидани расм дар матоъ, девор ва китобҳо омадааст.*

***Ключевые слова:*** *манихеизм, зороастризм, ислам, буддизм, христианство, идолы, язычество.*

*Статья посвящена существованию идолопоклоннических элементов в манихестической религии. Манихеизм – религия, которая вышла на первый план в третьем веке нашей эры во времена правления Сасанидской династии, на основе зороастрийской реформы. Основателем этой религии был Мани. Отмечается, что секта манихеизма распространилась от Вавилона до Самарканда, от Африки до Китайского Туркестана и от Индо-Тибета до Европы и оказала большое влияние на христианство и ислам. Это похоже на благочестие мировых религий прошлого. Элементы идолопоклонства перешли в манихеизм из зороастризма, христианства и буддизма. Манихеисты поклонялись солнцу днем и луне ночью. Поклонение Солнцу происходит из митраизма. Подчеркивается, что они поклонялись двурукому идолу, который представлял собой знак живого небесного ангела. Согласно письменным источникам, согдийцы вначале были язычниками. Вполне вероятно, что некоторые элементы язычества перешли к последователям манихеизма от согдийцев. Крест был перенесен из христианства в манихеизм, и его можно было увидеть во многих местах. Кресты встречаются на монетах. Рисунок на ткани, стенах и книгах также исходит из христианского учения.*

***Key words:*** *manichaeism, zoroastrianism, islam, buddhism, christianity, idols, paganism.*

*The article is devoted to the existence of idolatrous elements in the Manichestic religion. Manichaeism is a religion that came to the fore in the third century AD during the reign of the Sassanid dynasty, based on the zoroastrian reform. The founder of this religion was Mani. The manichaeism sect spread from Babylon to Samarkand, from Africa to Chinese Turkestan and from Indo-Tibet to Europe and had a great influence on christianity and islam. It is similar to the piety of the world religions of the past. Elements of idolatry passed into Manichaeism from zoroastrianism, christianity and buddhism. The manichaeists worshiped the sun*

*during the day and the moon at night. Sun worship comes from Mithraism. Their worship was carried out in the form of a two-armed idol, which was a sign of a living heavenly angel. According to written sources, the Sogdians were originally pagans. It is quite possible that some elements of paganism passed to the followers of manichaeism from the sogdians. The cross was transferred from christianity to manichaeism, which could be seen in many places. Crosses are found on coins. The design on fabric, walls and books also comes from christian teaching.*

Монавия - таълимоти қадимаи динию фалсафӣ буда, дар асри III мелодӣ дар Шарқи Наздик ба вуҷуд омадааст. Дар асрҳои III-XI то мулкҳои қитъаи Африка ва Чин паҳн ва рушд карда буд. Дар Рими қадим ва Византия таҳти таъқиби шадиди ашрофон ва масеҳиён қарор дошт. Дар давраи ҳокимияти арабҳо ҳамчун фирқаи мухолифи ислом мамнуъ эълон шуда буд. Дар Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна ба муҳиту шароити мусоид дучор омада, як муддат инкишоф ёфта, дар асрҳои VIII-IX ба дини давлатии уйғурҳо мубаддал гардид.

Яке аз хусусиятҳои таълимоти Монӣ бутпарастӣ буд. Аз назари пайравони Монӣ бутҳои одамшакл таҷассумгар ва рамзи ҷирмҳои илоҳӣ – Офтоб ва Моҳтоб ба ҳисоб мерафтанд, ки тавассути онҳо инсон ба ҷаннат роҳ меёфт [2, с.479]. Тавре аз сарчашмаҳои хаттӣ бармеояд, суғдиён дар ибтидо бутпараст буданд. Ин ҳолат дар Самарқанд, ки дорои ибодатхонаи бутпарастон буд, мушоҳида мешавад [8,с.150]. Яке аз бандҳои созишномаи байни Қутайба ибни Муслим ва сокинони Самарқанд ба арабҳо додани бутхона ва оташкадаҳо буд. Вай аз онҳо ороишотро канда гирифта, худи бутҳоро оташ зад. Аз ин ороишот танҳо 50 ҳазор мисқол мехҳои тилло ва нуқрагин ёфт шуданд. Дар деҳаи Тавависи вилояти Бухоро, ки Қутайба ибни Муслим қарор дошт, «маъбади оташ ва олиҳа» мавҷуд буд.

Бутҳое, ки суғдиҳо мепарастиданд, антропоморфӣ буда, намуди зоҳирии инсонро доштанд [7, с.195]. Тавре Наршахӣ маълумот медиҳад, сокинони Бухоро бутпараст буданд. То омадани арабҳо дар Бухоро муассисае бо номи «Бозори Моҳ» мавҷуд буд, ки он ҷо дар давоми сол 2 маротиба савдои бутҳо анҷом дода мешуд. Зеро аҳолии шаҳри Бухоро ба бутҳо ниёзи калон доштанд ва бо ин мақсад то 100 ҳазор дирҳам маблағ сарф мешуд. Дар раванди савдо худи ҳокими шаҳр, ки Моҳ ном дошт, иштирок менамуд [1,с.33]. Маълумоти мазкур оиди ба монавия пайрав будани аҳолии Бухороро то зуҳури ислом нишон медиҳад.

Бутҳоро дар ибодатхонаҳои шаҳрҳои мухталифи Суғд ва Уструшана дидан мумкин буд. Сарлашкари араб Қутайба ибни Муслим вақте Пайкандро ба даст даровarда торoҷ намуд, аз яке бутхонаҳо буте ёфт, ки нуқрагин буд ва арзиши баланд дошт [1,с.50-51].

Ҳокими Хатлон ал-Ханош ибни Сабл бо омадани арабҳо фирор кард. Бародари ӯ бо ҳамроҳии наздикони худ бутҳоро гирифта, ба Фарғона омада буд. Солҳои 738-739 Наср ибни Сайёр онҳоро ба Уструшана оварда, бутҳоро ба ибодатхонаҳо супорид. Дар Бунҷикат бутхонае амал мекард, ки онро арабҳо масҷид карданд. Бо фармони афшини Уструшана Ҳайдар имом ва муаззини масҷид, ки бутҳоро партофтанд, ба тариқи ҳазор зарбаи қамчин ҷазо дода шуданд. Дар мурофиаи судии Бағдод афшинро барои саркашӣ аз қабули ислом маҳкум карда буданд. Дар ҷавоб ӯ изҳор дошт, ки бо ихшиди Суғд шартнома дар бораи озодии эътиқод дорад [14,с.72]. Ин ахбор аз наздик будани эътиқодоти аҳолии Суғд, Уструшана ва Хатлон огаҳӣ медод.

Лашкаркаши араб ал-Ҷаҳм ибни Захр аз вилояти кӯҳии Буттам бутҳои тиллоиро ба даст оварда буд. Мутобиқи маълумоти мардумшиносон дар дараи Фондарёи болооби Зарафшон бутхона мавҷуд буд. Ин маконро Сардавон мегуфтанд. Дар яке аз ғорҳои деҳаи Такфон бутпарастон бо ибодат машғул буданд [10,с.74]. Бутро дар болои манораи ибодатхона мегузоштанд ва ба он тӯмор мебастанд. Ба ин ҷо аз шаҳрҳои дигар низ барои ибодат меомаданд. Ҳар касе, ки бутро аз дур медид, рӯ ба замин мекард ва то аз чашм дур шудани он сарашро намебардошт [8,с.250].

Аҷдодони сулолаи Қарахониён бутпараст буданд. Яке аз бутхонаҳоро Угулчак Қадрхон, ки амаки Сатук Буғрохон буд, бунёд кардааст. Бутҳоро дар байни қавмҳои кӯчманчӣ ва муқимии Фарғона дидан мумкин буд [5,с.447;4,с.56]. Ҳайкалҳои сангини туркӣ, онҳоро балбалҳо мегуфтанд, монанди бутҳо буданд. Дар оромгоҳи Биттеппаи Сурхондарё мутааллиқ ба аҳолии муҳоҷиршудаи асрҳои VII-VIII дар водии Сурхондарё аломатҳои мазҳаби монавияро пайдо карданд [18, с.208]. Дар яке аз дахмаҳои ин қабристон сари бути аз гил сохташуда ёфт шуд, дар он аломатҳои чеҳраи инсон намудор буд. Дар мавзеи Оқтеппа (асрҳои VI-VII сари бути калоне ба даст омад, ки рӯи курашакл дошт [17, с.68]. Дар шаҳраки Актобеи воҳаи Ӯтрор, наздикии деҳаи Чаян бути хурдакаки аз гаҷ ва гил сохташуда пайдо карданд.

Аломати дигари ҳатмӣ ва ба худ хоси мазҳаби монавиён монавия кашидани расм дар матоъ, девор ва китобҳо буд. Ба ин услуб худи Монӣ, ки хеле рассоми моҳир буд, асос гузоштааст [7,

с.192]. Ин анъана ба дигар динҳо хос набуд. Аз рӯи расмҳои деворӣ дар ибодатхонаи Панҷакент муаррихон ба хулоса омаданд, ки ин бино ба пайравони мазҳаби монавия мансуб буд [3, с.81]. Ҳамин гуна расмҳоро дар деворҳои ибодатхонаҳо дар Тахористон, аз ҷумла Дилбарҷин ва Аҷинатеппа, қасри шоҳони Хоразм, Самарқанд, Бухоро, Бунҷикат, Вахш, Кофарниҳон, ки ба асрҳои V-VIII тааллуқ доштанд, дидан мумкин буд.

Унсури асосии санъати меъмории Хатлон расми шер – яке аз рамзҳои таълимоти Монӣ буд [6, с.131]. Осори санъати наққошию рассомӣ дар рӯйи косаҳо, кӯзаҳо, табақҳо, устадонҳои асрҳои VI-VIII боқӣ мондаанд. Дар мавзеи Афросиёб тангаи ҳокими туркзабони Чоч ёфт шуд, ки дар даст салиб дошт. Ин аз эътиқоди насронӣ будани ӯ шаҳодат медиҳад [19, с.234].

Расми салибро дар сиккаҳои ҳокимони Бухоро, Хоразм, Уструшана, Панҷакент, Ӯтрор ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна то ҷоришавии дини ислом вомехӯрад. Аммо ҳамаи инро ба сифати аломати таълимоти масеҳӣ қабул кардан душвор аст. Зеро ин мазҳаб дар Осиёи Миёна ба таври оммавӣ паҳн нашуда буд ва мақоми расмиро доро набуд.

Афшини Уструшана Ҳайдар бутпараст буд [14,с.70]. Номи афшинҳои Уструшана дар сиккаҳо бо забони санскритӣ оварда шудааст, ки ин нишони мазҳаби буддоӣ буд [15,с.35]. Афшинҳои Уструшана дар наздикии Бағдод қасре бо номи Матираи Самарра доштанд. Дар ин ҷо бутҳои қиматбаҳо, китоби муқаддаси бо сангҳои қиматбаҳо ва тилло оташпарастон оро додашуда ба даст омаданд. Дар қасри дигари афшин дар маҳаллаи Вазирия бут пайдо карда шудааст [14, с.72]. Дар чӯби кандакоришудаи қасри афшинҳо дар мавзеи Қалъаи Қаҳқаҳаи II-и Шаҳристон нақши хурмоҳои чорбарга ва салибҳои баробартараф ба назар мерасанд [11,с.77]. Дар ин ҷо як зарфи сафолии бо тасвири қатори моҳии шинокардаистода низ ёфт шуд, ки аз рамзҳои мазҳаби буддоия буд. Расми салиб ҳамчунин дар тангаҳои афшинҳои Уструшанаи тоисломӣ вомехӯрад. Онро муҳаққиқон амали сиёсии афшинҳои бупараст ва туркҳои пайрави масеҳият меноманд. Дар як қатор сиккаҳо расми афшин бо тасвири фил ва салиб мавҷуд аст [13,с.61]. Фил рамзи оини буддоия аст. Дар ин ҷо вай бо салиби насрониҳо якҷо омадааст. Чунин омезиш танҳо ба мазҳаби монавия хос буд, ки унсурҳои динии буддоия, зардуштия ва масеҳиятро ҳамҷо карда буд. Аз ин рӯ, расми салибро дар сиккаҳои тоисломии Осиёи Миёна эҳтимол рамзи оини монавия буд, ки дар байни суғдиҳо, бохтариён ва махсусан туркҳо нуфуз пайдо карда буд.

Дар Тирмиз биное тарҳи биное ёфтанд, ки ба асрҳои X-XII мансуб аст. Дар девори он расми салиб кашида шуда буд. Муайян карданд, ки он калисои масеҳӣ буд. Дар кӯзае, ки ба асрҳои IX-XI мансуб буда, дар Осорхонаи таърихи Ӯзбекистан нигоҳ дошта мешавад, тасвири салиб вуҷуд дорад ва дар мобайни он бандинаи сербарга кашида шудааст. Ин рамзи оини масеҳӣ буд. Аммо айнан ҳамин гуна рамзҳоро дар дини буддоӣ низ дидан мумкин буд. Вобаста ба ин ҳардуи ин тасвирҳоро ҳамчун яке аз шинохташ аз эҳтимол дур нест. Ақидае буд, ки ибодатхонаи Панҷакент эҳтимол ба монавиён тааллуқ дорад [3,с.63]. Дар расми ин маъбади дар чоряки якуми асри VIII тасвири олиҳаи чордаста бо гулчанбари бузурги дурахшон дар сар оварда шудааст. Тахмин меравад, ки ин олиҳаи оби дарёи Зарафшонро ифода мекунад. Бисёрдастии ин олиҳа дар парастиши сабиён ҳам вуҷуд дорад. Дар Панҷакент расми худозане ба даст омад, ки дар дастон рамзҳои офтоб ва моҳро дошта меистод. Дар санъати наққошӣ ва ҳайкалтарошии ин шаҳр тамоми сайёраҳои системаи офтобӣ таҷассум гардидаанд. Қаҳрамонони асосии наққошиҳои девории Панҷакент таҷассуми тасвирии худоёни Офтоб ва Моҳ буданд. Тасвири симои зане, ки дар пушти шер нишастааст, ҳамчун таҷассуми сайёраи Зуҳра тафсир мешавад. Ба санъати наққошии Панҷакенти чоряки аввали асри VIII расми Буддо мансуб аст. Дар болои дари яке аз хонаҳо ҳайкалчаи хурди Буддо гузошта шудааст [9, с.143].

Дар расмҳои девории ибодатхонаи Панчакент низ расми салиб ҳаст. Дар санъати рассомӣ ва наққошии Панҷакент тасвири тиркаш дар шакли салиб қобили таваҷҷуҳ аст. Ин расм ба салиби Уструшана монандӣ дорад. Хулоса, дар ибодатхонаи мазкур рамзҳои се мазҳаб – зардуштия, буддоия ва масеҳия мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки хоси дини монавия буд.

Дар маъбади шаҳри Самарқанд маҷмуаи қонунҳои бо забони туркӣ таҳияшуда мавҷуд буд. Онро ҳангоми мурофиаи судӣ ва таъини ҷазо истифода мебурданд. Дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ ин ибодатхона «макони қонунҳо» номида шудааст [16, с.38]. Дар наққошиҳои девории Панҷакент низ тасвири фил ва инчунин тасвири Буддо мавҷуд аст. Дар яке аз утоқҳо бо ишораи абхямудра дар болои аркони дар сурати хурди Буддо гузошта шуда буд. Бо мақсади ороиши биноҳо дар девор расми гулро якҷоя бо расми ток иасвир мекарданд. Дар 2 хонаи ибодатхонаи Панҷакент расми худое тасвир шудааст, ки рақс мекард ва танаш ранги кабуд дошт. Ин ҳолат бо симои Шива аз маъбади ҳиндуҳо наздикӣ дошт.

Дар қабристонҳои Таразн қадим (Ҷамбул) дафнҳо дар устадонҳои терракотӣ (асрҳои VII - IX) кашф карда шуданд. Дар паҳлӯи он ду симои одамӣ гузошта шудааст, ки тасвири иконографияи Сурия-Несторианӣ ва буддоӣ дар Ҳафтрӯд ва Туркистони Шарқиро ба хотир меорад. Ба ин тарз бо ҳам омадани унсурҳои мазҳабҳои масеҳӣ ва буддоӣ дар рафти дафни инсон марбут ба мазҳаби зардуштия танҳо дар доираи дини монавия шуда метавонист, ки дар он арзишҳои маънавии 3 мазҳаб арзиши баробар доштанд. Дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ гуфта мешавад, ки «дар шаби ид, ки суннати қадим буд, оташи бузурге афрухтанд, ки аз он шарора парида, ба боми қасри ҳоким фуруд омад [1,с.37]. Ин маълумот одатан бо дини зардуштӣ алоқаманд аст. Мутобиқи маълумоти ал-Фахрӣ моҳпарастон бо анҷоми як маросими парастиши бут, дар моҳи нав дар ҳар моҳ дар болои боми хонаҳо оташ меафрӯзанд, ба Моҳ дуо мекарданд, асбобхои мусиқӣ навохта, дар назди бут мерақсиданд. Парастиши Моҳ ва бутҳо нишон медиҳад, ки ин ба эҳтимоли зиёд як маросими марбут ба монавия аст. Ҳамаи ин маълумотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ибтидои асрҳои миёна монавия дар Осиёи Миёна паҳн шуда буд ва бисёр ёдгориҳои он замон, ки умуман зардуштӣ, насронӣ ва буддоӣ ба шумор мераванд, дар ҳақиқат ба монавиён таалluқ дошта метавонанд. Ҳамаи ин маълумотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ибтидои асрҳои миёна монавия дар Осиёи Миёна паҳн шуда буд ва бисёр ёдгориҳои он замон, ки умуман зардуштӣ, насронӣ ва буддоӣ ба шумор мераванд, дар ҳақиқат ба монавиён таалluқ дошта метавонанд.

## АДАБИЁТ:


1. Абу Бакр Мухаммад ибн Джа'фар ан-Наршахи. Та'рих- и Бухара. История Бухары / Вступительная статья Д.Ю.Юсуповой. Пер., ком- мент. и прим. Ш.С.Камолиддина. Археолого-топографический комментарий Е.Г. Некрасовой. - Ташкент, 2011. – 600 с.
2. Абу Рейхан Бируни. Индия / Пер. с араб. А.Б.Халидова и Ю.Н. Завадовского. Комментарии В.Г.Эрмана и А.Б.Халидова // Избр. произв. Т. 2. Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1963. – 730 с.
3. Беленицкий, А.М. Вопросы идеологии и культов Согда по материалам Пянджикентских храмов/А.М.Беленицкий// Живопись древнего Пянджикента. - М.: Изд-во АН СССР, 1954. - С.25-82.
4. Брыкина, Г. А. Об антропоморфных скульптурах в захоронениях Ферганы/Г.А.Брыкина// Прошлое Средней Азии. - Душанбе, 1987. - С.52-58
5. Брыкина, Г. А. Раскопки усадьбы Кайрагач/ Г.А.Брыкина // Археологические открытия 1970 года. - М., 1971. - С.447–449
6. Гулямова, Э.Г. Изображение львов в декоре и архитектуре Хутталя/ Э.Г.Гулямова// Материальная культура Таджикистана. Вып. 4. – Душанбе: Дониш 1987. - С.127-134
7. Зуев, Ю.А. Ранние тюрки: очерки истории и идеологии/Ю.А.Зуев.-Алматы: Дайк-Пресс, 2002. – 338 с.
8. Кандия Малая / Пер. с фарси, предисловие и примечания В. Л. [Вяткина // СКСО, вып. 8. - Самарканд, 1906. - С.236-290.
9. Маршак, Б.И.Новые открытия в Пенджикенте/В.И.Распопова,Б.И.Маршак // Наука и жизнь. – 1988 - №2. - С.142–143
10. Негматов, Н.Н. Уструшана в древнем и раннем средневековье/Н.Н.Негматов// Труды Акад. наук. Таджик. ССР. Ин-т истории, археологии и этнографии. Т.55. - Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1957. – 159 с.
11. Негматов Н.Н., Хмельницкий С.Г. Средневековый Шахристан/Н.Н.Негматов, С.Г.Хмельницкий// Материальная культура Уструшаны, вып. 1. - Душанбе, 1966. – 226 с.
12. Обельченко, О.В. Захоронение костей в хумах и оссуариях в восточной части Бухарского оазиса/О.В.Обельченко// История материальной культуры Узбекистана. Вып. 1. - Ташкент, 1959. - С.94–108
13. Смирнова,О.И. Первые монеты Уструшаны/О.И.Смирнова // Эпиграфика Востока. Вып. 20. - Л., 1971. - С.59–64
14. Смирнова,О.И. Потомок Гурека на процессе Афшина/О.И.Смирнова// Письменные памятники и проблемы истории культуры народов Востока. - Л.: Наука, 1969. - С.69–73
15. Смирнова, О.И. Сводный каталог согдийских монет. Бронза/О.И.Смирнова.-М.: Наука, 1981. – 550 с.
16. Согдийские документы с горы Муг. Чтение. Перевод. Комментарий. Вып. 2. Юридические документы и письма / Чтение, перевод и комментарии В. А. Лившица. - М.: Издательство восточной литературы, 1962. – 222 с.

17.Ртвеладзе, Э.В. Погребальные сооружения и обряд в Северном Тохаристане/Э.В.Ртвеладзе// Античные и раннесредневековые древности Южного Узбекистана. В свете новых открытий Узбекистанской искусствоведческой экспедиции. - Ташкент: Фан, 1989. - С.53-72.
18.Ртвеладзе, Э.В. Средневековый могильник БитТепе в Чаганиане/Э.В.Ртвеладзе // Советская археология. – 1986. - № 4. - С.194–209
19.Ртвеладзе Э.В., Ташходжаев Ш.С. Об одной тюрко-согдийской монете с христианскими символами/ Э.В.Ртвеладзе, Ш.С.Ташходжаев // Византийский временник. Т.35. - М., 1973. - С.232- 234

**REFERENCES:**

1. Abu Bakr Muhammad ibn Ja'far an-Narshahi. Ta'rikh- i Bukhara. History of Bukhara / Introduction by D.Yu. Translated, commented and noted by Sh.S.Kamoliddin. Archaeological and topographic commentary by E.G. Nekrasova. - Tashkent, 2011. - 600 p.
2. Abu Reyhan Biruni. India / Translated from Arabic by A.B.Khalidov and Yu.N. Zavadovsky. Commentaries by V.G.Erman and A.B.Khalidov // Selected works. Vol. 2. Tashkent: Publishing house of the Academy of Sciences of the Uzbek SSR, 1963. - 730 p.
3. Belenitsky A.M. Questions of ideology and cults of Sogdiana based on the materials of the Panjakent temples // Painting of ancient Panjakent. - M.: Publishing house of the USSR Academy of Sciences, 1954. - P.25-82.
4. Brykina G. A. On anthropomorphic sculptures in burials of Fergana // The past of Central Asia. - Dushanbe, 1987. - P.52-58
5. Brykina G. A. Excavations of the Kairagach estate // Archaeological discoveries of 1970. - M., 1971. - P.447-449
6. Gulyamova E.G. Image of lions in the decor and architecture of Khuttal // Material culture of Tajikistan. Issue 4. - Dushanbe: Donish, 1987. - P.127-134
7. Zuev Yu.A. Early Turks: essays on history and ideology. - Almaty: Daik-Press, 2002. - 338 p.
8. Kandia Malaya / Translated from Farsi, preface and notes by V. L. [Vyatkina // SKSO, issue 8. - Samarkand, 1906. - P.236-290.
9. Marshak B. I., Raspopova V. I. New discoveries in Penjikent // Science and Life. - 1988 - No. 2. - P.142-143
10. Negmatov N. N. Ustrushana in the ancient and early middle ages // Works of the Academy of Sciences of the Tajik SSR. Institute of History, Archaeology and Ethnography. V. 55. - Stalinabad: Publishing House of the Academy of Sciences of the Tajik SSR, 1957. - 159 p.
11. Negmatov N. N., Khmelnitsky S. G. Medieval Shahristan // Material Culture of Ustrushana, issue 1. - Dushanbe, 1966. - 226 p.
12. Obelchenko O.V.Burial of bones in hums and ossuaries in the eastern part of the Bukhara oasis // History of the material culture of Uzbekistan. Issue 1. - Tashkent, 1959. - P.94-108
13. Smirnova, O.I.The first coins of Ustrushana//Epigraphy of the East.Issue 20.-L., 1971.-P.59-64
14. Smirnova O.I. Descendant of Gurek at the trial of Afshin // Written monuments and problems of the history of culture of the peoples of the East. - L.: Nauka, 1969. - P.69-73
15. Smirnova O.I. Union catalog of Sogdian coins. Bronze. - M.: Nauka, 1981. – 550 p.
16. Sogdian documents from Mount Mug. Reading. Translation. Commentary. Issue. 2. Legal documents and letters / Reading, translation and commentary by V. A. Livshits. - M.: Publishing house of oriental literature, 1962. - 222 p.
17.Rtveladze, E. V. Burial structures and rite in Northern Tokharistan // Ancient and early medieval antiquities of Southern Uzbekistan. In light of new discoveries of the Uzbekistan art history expedition. - Tashkent: Fan, 1989. - Pp. 53-72.
18. Rtveladze, E. V. Medieval burial ground of Bit Tepe in Chaganian // Soviet archeology. - 1986. - No. 4. - P.194-209
19. Rtveladze, E. V., Tashkhodjaev Sh. S. About one Turkic-Sogdian coin with Christian symbols // Byzantine time. T.35. - M., 1973. - P.232-234